ИСТИҚЛОЛИЯТ - НОМУСУ ВИҶДОНИ МО!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №4 (4) 6 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2013, ҶУМЪА



**"Миллате, ки ба илму дониш ва фарҳангу маънавиёт арҷ мегузорад, миллати ояндадор ва тавонову соҳибтамаддун аст. Аз ин лиҳоз, давлату Ҳукумати Тоҷикистон ҳамеша саъй мекунад, ки мақоми хосаи илму маориф ва ҷойгоҳи баланди устоду омӯзгор дар ҷомеа таъмин карда шавад. Зеро рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар ва сатҳу сифати зиндагии мардум, пеш аз ҳама, аз дараҷаи донишу маърифатнокӣ ва соҳибкасбу соҳибҳунар будани афроди ҷомеа вобаста мебошад".**

***Эмомалӣ Раҳмон,***
*аз суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш*

## СОЛИ ТАҲСИЛ ВА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ МУБОРАК!

Устодон ва донишҷӯёни азиз! Дар оғози моҳи сентябр ду ҷашни муҳим ва таърихӣ дар тақвими мо афтодааст. Нахуст рӯзи дониш ва сулҳ, ки ҳамасола чун иди миллӣ таҷлил мегардад ва дарси Сулҳи Президент зинатбахши ин рӯз аст. Таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба ин рӯз гувоҳӣ аз он медиҳад, ки соҳаи маориф аз муҳимтарин соҳаҳо дар сиёсати давлат ба шумор меравад. Дигаре ҷашни Истиқлолият, ки эҳдои пурқиматест дар рӯзи 9-уми ҳамин моҳ. Истиқлолият ин бузургтарин дастоварди тоҷикон дар тӯли таърих аст. "Истиқлолият ин шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш аст". - Ин суханони Ҷаноби Олӣ моро водор ба он мекунад, ки ин неъмати бебаҳоро чун гавҳараки чашм муҳофизат намоем ва пайи ободии кишвар қуввату маҳорати худро дареғ надорем.

Аввалин санади ҳуқуқие, ки Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон кард, Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки 24-уми августи соли 1990 қабул шудааст. Дар ин замина Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми сентябри соли 1991 қабул гардида, ба воситаи ин санад истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шуд.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии даврони соҳибистиқлолӣ ҳамчун дастоварди халқу миллат ин Конститутсия (Сарқонун) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, ки мустақилияти давлати моро комил намудаанд.

Дар ин айёми фирӯз ҳамаи Шуморо ба муносибати оғози соли нави таҳсил ва ҷашни Истиқлолияти Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, ба донишҷӯён пеш аз ҳама дар омӯзиши илмҳои замонавӣ сабру таҳаммул, ҷустуҷӯҳои навбанав, муваффақиятҳо, ҳамзамон дар рӯзгори устодони ин махзани илму маърифат саодатмандии ҷовидона аз самими қалби саршор аз меҳру муҳаббат орзумандам. Бахри гулгулшукуфии ин ватани куҳанбунёд ба ҳамаи Шумо иродаи матин ва комёбиҳои беназирро таманно менамоям!



*Насурдинов Э. С. декани факултет*

# МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ



Субҳи рӯзи 4-уми сентябр ба ифтихори солгарди 22-юми истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон беш аз 400 нафарро бо мукофотҳои давлатӣ, унвонҳои фахрӣ, рутбаҳои олии низомию махсус ва ҷоизаҳои давлатӣ сарфароз намуд.

Дар оғози маросими мукофотсупорӣ шоири маъруфи тоҷик Бозор Собир бо ордени Ситораи Президент дараҷаи 3 сарфароз гардонда шуд.

Сипас шахсиятҳои зиёди дигар, ки дар рушду нумуи бахшҳои гуногуни иқтисодиёту иҷтимоиёт, илму техника, фарҳанг ва хизмати давлатии Тоҷикистон саҳми арзандаи таҳсин гузоштаанд, бо ордени Шараф дараҷаи 2, медали Хизмати шоиста, медали Шафқат, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҳои гуногуни фахрӣ, аз ҷумла Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон ва Корманди шоистаи Тоҷикистон сарфароз гардонда шуданд.

**www.president.tj**

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶТ ИСЛОМ КАРИМОВРО ТАБРИК КАРД




Субҳи рӯзи 1-уми сентябр Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон унвонии ҳамтои узбекаш Ислом Каримов баркияи шодбошӣ фиристод.

Дар ин баркия омадааст: "Муҳтарам Ислом Абдуғаниевич, ба муносибати таҷлили Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон табрикоти самимии хешро ба Шумо ирсол медорам.

Тоҷикистон ҷонибдори корҳои наҷиби таҳкимбахшандаи муносиботи дӯстӣ, ҳамсоягӣ, эҳтироми ҳамдигар ва ҳамкориҳои байни кишварҳоямон, ки решаи таърихӣ доранд, мебошад.

Мо омодаи гуфтугӯи сиёсии эътимодбахш бо мақсади самаранок ва комил намудани муносибот миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ҳама соҳаҳо, ки дорои таваҷҷуҳи ҳарду ҷонибанд, ҳастем.

Ба Шумо, муҳтарам Ислом Абдуғаниевич, сиҳатмандию комёбӣ, ба халқи дӯсти Ӯзбекистон бурдборӣ ва шукуфоӣ таманно дорам".

**Pressa.tj**

# ҚОНУНИ НАВИ МАОРИФ ҚАБУЛ ШУД

Дар давраи таътили тобистонаи донишҷӯён Парламенти кишвар як қатор қонунҳо қабул намуд. Аз қабили қонунҳои ҶТ "Дар бораи маориф", "Дар бораи кооперативҳо", "Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоктивӣ", "Дар бораи минтақаҳои кӯҳии ҶТ", "Дар бораи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ", "Дар бораи гаравхона (ломбард)", "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ". Қонунҳои мазкур дар муҳокимаи парламентии рӯзи 22 июли соли ҷорӣ қабул карда шуданд.

Қонуни нави маориф аз 8 боб ва 69 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд. Дар асоси қонуни мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" аз 17 майи соли 2004 аз эътибор соқит дониста шуд.

# ИШТИРОК ДАР ТАНТАНАҲОИ РӮЗИ ДОНИШ



Субҳи рӯзи 1-уми сентябр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Ҳаёти нави пойтахт бинои нави факултаи сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимиро ифтитоҳ намуда, бо буридани лентаи рамзӣ ин бинои хеле зебо ва ба талаботи замон ҷавобгӯйро расман мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

## СОЗИШНОМА ДАР БОРАИ ТАРТИБИ БУДУБОШИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҚАЛАМРАВИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи 2-юми сентябри соли 2013 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров баргузор гардид, Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Россия мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар ҷаласаи Шӯро таъкид гардид, ки мувофиқи Созишномаи мазкур шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар қаламрави Федератсияи Россия қарор доранд дар макони будубош дар мақомоти салоҳиятдори Федератсияи Россия ба муддати 15 рӯз аз ухдадории бақайдгузорӣ озод карда мешаванд.

Зикр гардид, ки мувофиқи Созишномаи мазкур дар ҳолати аз 15 рӯз зиёд будубош намудани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Россия, шаҳрванди мазкур ухдадор аст, ки дар мақомоти салоҳиятдори дар маҳалли будубоши худ дар Федератсияи Россия мутобиқи қонунгузории он аз қайд гузарад.

**www.parlament.tj**

# ТАЪЙИНИ ИНТИХОБОТ ДАР РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ



Дар рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - чоршанбеи 6 ноябри соли 2013 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Дар ин хусус 30 август дар ҷаласаи панҷуми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Душанбе таҳти ҳамраисии Маҳмадсаид Убайдуллоев-раиси Маҷлиси миллӣ ва Шукурҷон Зуҳуров - раиси Маҷлиси намояндагон доир шуд, қарори марбута қабул гардид.

Мавриди зикр аст, ки 6 ноябр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда шуда, имрӯз дар саросари кишвар рӯзи истироҳат эълон карда мешавад ва таъйини рӯзи баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 6 ноябр мусоид аст, зикр кард Шукурҷон Зуҳуров - раиси палатаи поёнии Парлумони Тоҷикистон. Рӯзи баргузории интихобот бо раъйи 30 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ ва 63 нафар вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки баргузории интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии муҳими сиёсию давлатӣ буда, он дурнамои рушди бемайлони самтҳои афзалиятноки ҷомеаи кишварро муайян сохта, заминаи асосиро ҷиҳати тақвияти институти президентӣ, пояҳои давлатдорӣ ва аз ҳама беш сарҷамъию ваҳдати миллиро дар кишвар фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоршанбеи 6 ноябри соли 2013 барои 7 сол Сарвари давлати худро интихоб менамоянд.

**www.khovar.tj**

# НАҚШИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК



*Нурулло ҚУРБОНАЛИЕВ*,
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ*

Истиқлолияти давлатӣ дар низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистон заминаи устувори ҳуқуқию ташкилиро гузоштааст. Дар тӯли 22 соли Истиқлолият садҳо қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва барои иҷро вогузор карда шудаанд, ки воқеан ҷавобгӯи талаботи рӯзмарраи инкишофи ҷомеа ва ниёзҳои миллии кишвар ба ҳисоб мераванд. Аз ҷумла, бо қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Кодекси нави оила, Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ва ғайра кафолати таъмини ҳуқуқҳои кӯдак заминаи устуворро касб намуд. Маҳз дар даврони Истиқлолияти давлатӣ кӯдак ҳамчун субъекти муносибатҳои иттилоотии гражданӣ эътироф гардид ва ҳуқуқҳои иттилоотии вай аз тарафи давлат таъмин карда мешаванд. Ба ҳуқуқҳои иттилоотии кӯдак ҳуқуқ ба гирифтани маълумот, ҳуқуқ ба тарбияи дахлдор, ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқ ба шаъну шараф, ҳуқуқ ба ҳифзи кӯдак аз ҳар гуна иттилооте, ки ба ҳаёт ва саломатии вай зарар мерасонад ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Дар миёни ин номгӯ ҳуқуқи кӯдак ба гирифтани тарбияи дахлдор нақши муассир мебозад, чунки агар тарбия нобошад, дониш ҳам намешавад. Асоси ҳуқуқӣ барои таъмини ҳуқуқи кӯдак ба гирифтани тарбияи дахлдор ин моддаи 63-и Кодекси Оилаи ҶТ ва моддаи 8-и Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ба ҳисоб мераванд, ки мувофиқан падару модар уҳдадоранд фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонунҳо, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намуда, барои тарбия ва рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта бошанд. Ҳамзамон вазифадоранд, ки ҷиҳати рушду такомули ҷисмонӣ, рӯҳию маънавӣ ва ахлоқии онҳо ғамхорӣ зоҳир намоянд. Дар сурати иҷро накардани уҳдадориҳои худ аз тарафи падару модар ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда онҳо мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки ин кафолати ҳуқуқии таъмини ҳуқуқҳои кӯдак махсуб меёбанд. Бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ба ҷаҳониён таҷрибаи хуби мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор додани меъёрҳои ахлоқиро нишон дод. Мисоли инро мо дар қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ" дида метавонем, ки давлатҳои минтақа аз ин таҷрибаи мо самаранок истифода мебаранд. Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки мардуми тоҷик нисбат ба тарбияи насли хеш бетафовут нест. Чи хеле ки сарвари давлати Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ иброз намуд: "Таърих гувоҳ аст, ки аз қадимулайём мардуми соҳибтамаддуни мо ба тарбияи фарзанд аҳамияти хосса зоҳир намуда, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ ҳамеша кӯшиш мекарданд".



Воқеан раванди таърих нишон медиҳад, ки танҳо фарзандони бонангу номус, бофарҳанг, масъулиятшиносу меҳанпараст ва ҳисси баланди миллӣ дошта метавонанд арзишҳои миллиро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, дар инкишофу густариши оини давлатдорӣ, пойдорӣ ва бунёди сохтори конститутсионӣ, тамомияти арзӣ ва арзишҳои умумибашарӣ саҳми арзанда гузоранд. Аз ин рӯ, барои таъмини ҳуқуқҳои кӯдак бояд масъулияти маънавию ҳуқуқии падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда ва умуман аҳли ҷомеа пурзӯр карда шавад, чунки Тоҷикистон имрӯз ниёз ба ҷавонone дорад, ки аз донишҳои ҷаҳони муосир бохабар бошанд, дар рӯҳияи арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва пешинаи таърихии миллати куҳанбунёду фарҳангофарини хеш парвариш ёфта бошанд, зеро зимоми оянда давлату давлатдорӣ дар дасти онҳо хоҳад буд.

# ХАРИДУ ФУРӮШИ ОДАМОНРО ЧӢ ГУНА ПЕШГИРӢ БОЯД КАРД?



**Холиқов Ш.Л.**
*аспиранти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ*

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошад. Дар замони муосир ҳуқуқу озодиҳои инсон нисбат ба дигар манфиатҳои ҷамъиятӣ дар мадди аввал гузошта шудааст, ки ин бевосита аз демократӣ будани давлату ҷамъият шаҳодат медиҳад.

Хариду фурӯши одамон яке аз масъалаҳои ташвишовари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад, чунки дар асри XXI содиршавии ин намуди ҷиноятҳо хеле зиёд ба чашм мерасад. Бояд зикр намуд, ки ин ҷиноят характери трансмиллӣ дошта, он сарҳади муайян надорад. Новобаста аз чораҳои андешидаи башарият бар зидди ин падидаи номатлуб, он инкишоф ёфта ва дар ҳар давру замон шакл ва зинаҳои худро дигаргун месозад.

Бинобар сабаби даромади зиёди пулӣ ва дараҷаи ками таваккалнамоӣ доштанаш, ҳамарӯза ба ин тиҷорат, ки аз чиҳати даромаднокӣ дар ҷаҳон ҷои сеюмро ишғол менамояд, гурӯҳи муайяни ҷиноятпешагон шомил мегарданд, ки онҳо на танҳо ба ҷамъият, балки ба давлату башарият низ хатар эҷод менамоянд. Бинобар ин, бар зидди ин кирдори пастзанандаи шаъну шараф ва қадру қимати инсонӣ давлатҳо на танҳо дар алоҳидагӣ, балки ҳамаи ташкилотҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолият бурда истодаанд.

Дар самти мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон нақши Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело калон мебошад. Як қатор моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси он ба ҷиноятҳо муқобили хариду фурӯши одамон бахшида шудааст, аз қабили: моддаҳои 122 (Маҷбур кардан барои гирифтани узвҳо ё бофтаҳои бадани инсон барои трансплантатсия), 130 (Одамрабоӣ), 1301 (Хариду фурӯши одамон), 131 (Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ), 132 (Ҷалби одамон барои истисмор), 134 (Маҷбуркунӣ), 138 (Таҷовуз ба номус), 139 (Кирдори зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ), 140 (Маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ), 141 (Алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст), 142 (Ҳаракати бадахлоқона), 149 (Ғайриқонунӣ маҳдуд кардани тағйири макон, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ кардан ва бозгаштани шаҳрванд ба он), 167 (Хариду фурӯши ноболиғон), 171 (Иваз намудани тифл), 172 (Писархондии (духтархондии) ғайриқонунӣ), 238 (Ба фоҳишагӣ ҷалб намудан), 239 (Ташкил ё нигоҳ доштани фоҳишахонаҳо, даллагӣ ё занҷаллобӣ), 335 (Ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон), 336 (Вайрон кардани низоми Сарҳади давлатӣ), 339 (Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, муҳр), 340 (Сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, муҳр ва бланкаҳои қалбакӣ), 401 (Зархаридӣ). Илова бар ин, дар кишвари мо қонуни ҶТ "Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон" аз 15 июли соли 2004 амал мекунад, ки дар самти пешгирии ин ҷиноят барои кормандони амалӣ дастури мухим мебошад.

Дар байни намудҳои ин кирдори номатлуб аз ҳама ташвишовараш хариду фурӯши занону духтарон ва кӯдакон мебошад, ки дар бештари мавридҳо маҳз хамин гурӯҳи одамон ҷабрдидаи ин ҷиноят мегарданд. Зеро фиреб кардан ё даромадан ба боварии ин категорияи одамон осон буда, фурӯхтан, ҷалб намудан ба фоҳишагарӣ, парнография ва сӯистифодаи онҳо низ чандон душвор нест. Тавре, ки профессор Т.Ш. Шарипов қайд менамояд: "вуҷуди арзишманди зан ба унвони мазҳари ҷамоли илоҳӣ, тимсоли муҳаббат, отифа ва покӣ, дар солҳои охир дастхуши сӯистифодаи густурдаи соҳибони қудрат, расона ва сарват шудааст. Дар баъзе аз ҷомеаҳо ин вуҷуди азизро дар ҳадди абзори таблиғотӣ паст кардаанд ва ҳамаи падидаҳои иффату ҳарими зебоиҳо ва покиҳоро шикастаанд".

Сабаби асосии ба чунин амал даст задании инсонҳо, махсусан туъмаи худ қарор додани занон ва кӯдакон ин пеш аз ҳама вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо, сатҳи баланди бекорӣ, нобаробариҳои синфӣ дар ҷомеа, бӯҳрони молявии ҷаҳонӣ, ки қариб бисёре аз мамлакатҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст, медонанд.

Ба андешаи банда сабаби асосии қурбони ин амали номатлуб гардидани одамон инҳоянд: ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан бидуни қайди мақомоти муҳоҷират, надонистани қонунҳои марбути соҳа ва надоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон.

# МУКОФОТ МУБОРАК!

Рӯзи 4-уми сентябр Президенти мамлакат ба ду нафар устодони факултети ҳуқуқшиносӣ Насурдинов Э. ва Сангинов Д. мукофот ва ҷоиза супорид.

- Ин дастоварди тамоми факултет аст, - иброз намуд декани факултет Насурдинов Эмомалӣ.

Коллективи устодони факултет ва редаксияи "Минбари ҳуқуқшинос" устод Э. Насурдиновро барои сазовор шуданаш ба мукофоти давлатии Ордени Шараф дараҷаи 2 ва мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат барои гирифтани ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника муборакбод гуфта, ба эшон дар зиндагӣ осоиш ва дар фаъолияташон муваффақиятҳои нав ба нави илмиву эҷодӣ таманно доранд.



# ДУРНАМОИ РУШДИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКӢ

Ҳимояи неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ яке аз падидаҳои муҳими ҳуқуқи граждании давлатҳои мутараққии ҷаҳон аст. Ба ин масъала бо сабабҳои гуногун дар замони шӯравӣ диққати дахлдор зоҳир намегардид. Натиҷаи чунин муносибати бетафовутона буд, ки дар қонунгузории граждании аксари давлатҳои пасошӯравӣ (ба истиснои Украина) ҳимояи неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ ҷойгоҳи худро наёфт ва аксари давлатҳо дар кодексҳои гражданиашон неъматҳои ғайримоддиро ҳамчун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ танзим намуда, ҳамзамон баъзе паҳлуҳои ҳимояи онро дар шакли пароканда пешбинӣ кардаанд. Чунин муносибат аз ду ҷиҳат нодуруст аст: аввалан, ҷойгир кардани неъматҳои ғайримоддӣ дар қисми объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ ва ҳамзамон муайян намудани низоми ҳуқуқии ҳимояи он пайдарпайии мантиқии сохтори қонунгузории гражданиро вайрон мекунад. Дуюм, дар замони муосир табиати неъматҳои ғайримоддӣ сатҳи нави танзимро талаб мекунад.

Неъматҳои ғайримоддӣ ин ҳамон ҷавҳари бунёдии инсон мебошад, ки хастии инсон ва моҳияти иҷтимоии онро ифода карда, боиси арзиши олӣ эътироф гардида нашудааст. Аз ин рӯ, месазад, ки дар қонунгузории гражданӣ, алалхусус, кодексҳои гражданӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ додашуда, пеш аз муайян намудани ҳолати ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ дақиқӣ дар ҳолати худи шахс ҳамчун амалисозандаи ҳуқуқҳои молумулкӣ пешбинӣ карда шавад. Чунин муносибат талаб менамояд, ки номгӯи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар кодексҳои гражданӣ дақиқ карда шуда, меъёрҳои бештар ва муфассалтар пешбинӣ карда шаванд, то ин ки ба танзими ҷузъии чунин масъалаҳо мусоидат намоянд. Маҳз дар чунин ҳолат барои рушди фардият дар ҷомеа шароити мусоид ва имконияти дахлдор фароҳам оварда мешавад.



**Қурбонов Қ.Б.**
*муовини декан оид ба илм, дотсенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ*

Ҷиҳати ҳамқадами чунин ҷараён шудан зарур аст, ки дар Кодекси граждании ҶТ низ фасли алоҳидае ҷойгир карда шавад, ки масъалаҳои мазкурро фаро гирад. Солҳои охир оид ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ ва доираҳои илмӣ хеле ҷиддӣ масъалагузорӣ карда шуда истодааст. Махсусан ҷидду ҷаҳди омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар ин ҷода назаррас аст (профессорон Тағойназаров Ш.Т., Ғаюров Ш.К., дотсентон Бобоҷонов И.Ҳ., Расулов Б.Р. ва ғайра).

Қобили зикр аст, ки чунин сатҳи нави инкишофи танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ аз талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ бармеояд. Дар ин санади муҳими сиёсию ҳуқуқӣ номгӯи зиёди ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро мушоҳида кардан мумкин аст. Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир донистa (моддаи 5), ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатӣ, дахлнопазирии шахс (моддаҳои 18 ва 36), дахлнопазирии манзил (моддаи 22), маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, мурсилот ва мухобироти шахс (моддаи 23), ҳуқуқ ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он (моддаи 24), ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва сирри он (моддаҳои 24 ва 25), озодии виҷдон (моддаи 26), озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор, озодии эҷодиёт (моддаҳои 30 ва 41), ҳуқуқ ба ташкили оила (моддаи 34), ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба муҳити солими зист (моддаи 38) ва ғайраро эътироф намудааст.




Мутаассифона, инкишофи минбаъдаи меъёрҳои Конститутсия (Сарқонун) танҳо бо масъалаҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва ҳуқуқии ҷиноятӣ маҳдуд шудааст. Дар натиҷа, танзими масъалаҳо дар марҳилаи то вайроншавӣ аз мадди назар берун монда, тарзҳои ҳуқуқии гражданӣ дар ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайри молумулкӣ қариб мушоҳида намегардад. Танҳо муқоисаи сатҳии меъёрҳо нишон медиҳад, ки дар Кодекси граждании ҶТ ҳатто номгӯи пурраи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ пешбинӣ шудаанд, мавҷуд нест. Ин дар ҳолест, ки қонунгузории гражданӣ бояд меъёрҳои қонуни асосиро инкишоф диҳад.

Бо мақсади ислоҳи ҳолат пеш аз ҳама зарур аст, ки чандин моддаҳои § 5 боби 6 КГ ("Неъматҳои ғайримоддӣ ва ҳифзи онҳо") дар таҳрири нав ифода карда шаванд. Ҳамчунин мазмуни моддаҳои 152 ва 153 КГ, ки ба масъалаи иттилоот, моликияти зеҳнӣ ва сирри тиҷоратӣ алоқамандбуда, ноҷо дар § 2 ("Ашё") боби 6 ҷойгир шудааст, бояд пайдарпай дар §5 ҷойгир карда шаванд. Гузашта аз он, ҳаддалимкон номгӯи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ бояд бештар карда шавад (дар ин масъала омӯхтани таҷрибаи қонунгузории Олмон, Фаронса, Украина ва ғайра мувофиқи мақсад аст).

Бо густариши технология иттилоотӣ масъалаи ҳимояи шаъну шараф дар шабакаи Интернет низ имрӯзҳо мубрам шуда, механизмҳои амалии ҳимоявӣ дар қонунгузории амалкунанда мушоҳида намегардад. Аз ин рӯ, такмили КГ дар ин масъала низ мувофиқи мақсад буда, кафолати муҳими ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ буда метавонад.

**« Бо мақсади ислоҳи ҳолат пеш аз ҳама зарур аст, ки чандин моддаҳои § 5 боби 6 КГ ("Неъматҳои ғайримоддӣ ва ҳифзи онҳо") дар таҳрири нав ифода карда шаванд. Ҳамчунин мазмуни моддаҳои 152 ва 153 КГ, ки ба масъалаи иттилоот, моликияти зеҳнӣ ва сирри тиҷоратӣ алоқамандбуда, ноҷо дар § 2 ("Ашё") боби 6 ҷойгир шудааст, бояд пайдарпай дар §5 ҷойгир карда шаванд. »**

# КОДЕКСИ ГРАЖДАНӢ Ё КОДЕКСИ МАДАНӢ?



**Сулаймонов Ф.С.**
*дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ*

Инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар замони имрӯза дар кишвар тақозои онро доранд, ки онҳо аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқ мавриди танзим қарор гирифта, бахри ноил шудан ба қонеъ намудани манфиатҳои иштирокчиёни ин муносибатҳо ҳуқуқ ва ухдадориҳои гуногун муқаррар карда шаванд.

Дар ин замина, бахри ба амал баровардани ин вазифа ва ноил шудан бахри ҳадафи мазкур қонунҳои нав қабул карда шуда, ба қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд. Ин аст, ки дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти таҳияи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дарҷ карда шуда, ҳоло гурӯҳи махсуси корӣ вобаста ба таҳияи ин қонуни барои ҷамъият муҳим фаъолият намуда истодааст.



Албатта, худи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 3 қисм иборат аст ва аз соли 2000 қисми якуми он мавриди амал қарор дода шуда буд, дар заминаи институтҳо ва меъёрҳои навин ва пешрафти илми ҳуқуқи гражданӣ ва қонунгузории граждании давлатҳои пешрафта, инчунин талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва онҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишварро ташкил медиҳанд, таҳия шуда буд. Аммо, чи тавре ки қайд намудем, бо ривоҷу равнақи муносибатҳои иқтисодӣ, ки миқдори бештари онҳо предмети танзими маҳз қонунгузории гражданӣ мебошанд, зарурияти аз нав баррасӣ намудани баъзе қоидаҳои он низ ба миён меояд. Чунин зарурият ба иштироки Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ низ алоқаманд буда, аз он маншаъ мегирад. Зеро, бо иштирок дар ин муносибатҳо як қатор ҳуқуқ ва ухдадориҳоро Тоҷикистон бахри татбиқ намудан дар қаламрави худ ба зимма мегирад ва аллакай гирифтааст. Аз ин лиҳоз, таҳияи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав худ як иқдоми саривақтӣ ва зарур мебошад.

Ҳадафи мақолаи мазкур дарҷ ва омӯхтани тамоми масъалаҳои инкишофи минбаъдаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди таклифҳо ба гурӯҳи корӣ нест, ҳарчанде чунин иқдом бағоят хатмӣ ва саривақтӣ мебошад. Чунки дар ҳаҷми як мақола ба таври муфассал муқаррар намудан, пешниҳодҳо ва исботи илмии онҳо оид ба бехдошти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон мебошад. Аммо, яке аз чунин пешниҳодҳоро метавон дар ҳаҷми ин мақола дарҷ намуд.

Ин ҳам бошад, масъалаи тағйири номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ мебошад. Оё зарурияти чунин тағйирот ҳаст ё не, инчунин, агар чунин тағйирот ворид карда шавад, пас он барои инкишофи минбаъдаи танзими муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба сифати предмети танзими қонунгузории гражданӣ баромад менамояд, чӣ замина мегузорад?.

Чунин пешниҳод оид ба тағйири номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ ва ё ба Кодекси шаҳрвандӣ масъалаи нав набуда, қаблан ин гуна ақидаҳо аз ҷониби баъзеҳо низ таклиф карда мешуд. Аммо, ҳамеша тағйири ин ё он ном, аз ҷумла номи қонуне, ки бахри танзими муносибатҳое равона карда шудааст, ки мо дар ин муносибатҳо доимо ширкат меварзем, бояд зарурияти худро дошта бошад ва фарде нест, ки аз муқарроти ин қонун истифода набарад,

Зарурияти иваз намудани номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ, пеш аз ҳама, ба тозагии забони тоҷикӣ вобаста мебошад. Азбаски калимаи "гражданӣ" тоҷикӣ нест, пас он бояд ба "маданӣ" иваз шавад. Аммо, оё ибораи "маданӣ" худ тоҷикӣ аст? Агар чунин тағйиротҳо ба қонунҳо ворид карда шаванд, пас моҳият ва мазмуни он институтҳое, ки ин вожаҳо онҳоро таҷассум мекунанд, магар коста намешаванд? Агар чунин "тағйирот" раво дида шавад, пас дигар вожаву ибораҳое, ки дар худи Кодекси гражданӣ ва дигар қонунҳои ин соҳа арзи вуҷуд доранд, аз қабили идоракунии оперативӣ, ухдадориҳои солидарӣ ва субсидиарӣ, сервитут, консессия, лизинг ва ғайраҳо низ бояд тағйир дода шаванд?

Чи тавре ки бармеояд, саволҳо бештаранду дарёфти посух ба ин саволҳо хеле мушкиланд. Шояд ба ин саволҳо дар маҷмӯъ чунин посух дода шавад, ки ибораҳои дарҷкардашуда низ минбаъд бо ибораи ҳаммаъно дарёфт намудан мумкин аст. Аммо, мо бояд онро фаромӯш накунем, ки ин ибораҳо худ моли низомҳои ҳуқуқии дигар мебошанд, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Пас, дар шароите, ки соҳибкорони ватанӣ ҳарчи бештар дар ин муносибатҳо бо ҳамкорони хориҷии худ ширкат варзида, шартнома ва аҳдҳои гуногунро имзо менамоянд, инчунин, дар даврае, ки Тоҷикистон ҳамчун аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо эътироф гардида ба муносибатҳои байналмилалии хоҷагидорӣ шомил шуда истодааст, магар иваз намудани ин ибораҳое, ки дар тамоми ҷаҳон истифода бурда мешаванд, ба ибораҳои дигар оё ба фоидаи кор мебошад? Фикр мекунам, ки мо бояд сари масъалаи мазкур маҳз аз ҳамин нуқтаи назар муносибат намоем.

Инчунин, аз ҷониби он шахсоне, ки тағйири номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ пешниҳод карда мешаванд, ба сифати асос қонунҳои мадании Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гирифта мешавад. Аммо, мутаассифона, чунин таклифҳо бе назардошти заминаҳо ва хусусиятҳои зерини низоми ҳуқуқии ин давлатҳо ба амал баровара мешаванд. Аз ҷумла:

1. Бинобар сабабҳои инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди ин муносибатҳо, қонунгузории граждании ин давлатҳо дорои хусусиятҳои худ мебошанд, ки қонунгузории гражданӣ мо ин гуна хусусиятҳоро доро нестанд. Аз ҷумла, дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Исломии Эрон институтҳое дарҷ шудаанд, ки дар низоми ҳуқуқии кишвари мо ин падидаҳо ба сифати институтҳои ҳуқуқи оммавӣ эътироф карда мешаванд. Масалан, яке аз чунин падидаҳо ин институти шаҳрвандӣ (табаият) мебошад, ки маҳз дар қонунгузории гражданӣ дар кишвари мазкур ҷой дода шудааст. Аммо, дар низоми ҳуқуқии мо ин падида институти соф ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад ва аз ҷониби меъёрҳои Кодекси гражданӣ ба танзим дароварда намешавад;

2. Ба андешаи мо истифодаи вожаи "маданӣ" заминаро барои "сӯистеъмол" аз ин ибора асос хоҳад кард. Аз ҷумла, азбаски вожаи "гражданӣ" ба "маданӣ" иваз карда мешавад, пас ибораҳои ба ин алоқаманд низ иваз карда мешаванд, аз ҷумла ибораи "қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ" ба ибораи "қобилияти ҳуқуқдории маданӣ", ибораи "қобилияти амалкунии гражданӣ" ба "қобилияти амалкунии маданӣ" ва ғайраҳо. Аммо, на дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Исломии Эрон ва на дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Исломии Афғонистон чунин "ибораҳо" истифода намешаванд.

Пас, магар чунин "тағйирот" дар замони ҳозира зарур мебошад? Инчунин, бо иваз намудани ин ибораҳо ягон фоидаи назаррас ба инкишофи муносибатҳо мерасад? Баръакс зарурияти коркард ва тағйироти тамоми низоми қонунгузорӣ ба миён меояд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, зарур аст, ки ҳангоми пешниҳоди чунин тағйирот бояд масъала аз нуқтаи назари умумӣ, аз он ҷумла ҳам забонӣ ва ҳам ҳуқуқӣ баҳо дода шавад.

> **«Зарурияти иваз намудани номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ, пеш аз ҳама, ба тозагии забони тоҷикӣ вобаста мебошад. Азбаски калимаи "гражданӣ" тоҷикӣ нест, пас он бояд ба "маданӣ" иваз шавад. Аммо, оё ибораи "маданӣ" худ тоҷикӣ аст? Агар чунин тағйиротҳо ба қонунҳо ворид карда шаванд, пас моҳият ва мазмуни он институтҳое, ки ин вожаҳо онҳоро таҷассум мекунанд, магар коста намешаванд?»**



**Шараф БАДАЛОВ**
*дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждани̅*



# ПЕШГИРИИ ХУШУНАТ ДАР ХОНАВОДА - КАФОЛАТИ МУҲИМИ УСТУВОРИИ ОН

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлати̅ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни қонунэҷодкуни̅ сатҳи нави сифатиро касб намуд. Дар ин радиф қабул шудани қонунҳое, ки инъикосгари воқеияти иқтисодию иҷтимои̅, таърихи̅, зеҳният ва хусусиятҳои милли̅ мебошанд, махсус ҷолиби диққат мебошанд. Масалан, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" аз воқеяти ҳаёти иқтисодию иҷтимоии аҳоли̅ баромада, вобаста ба шароитҳои таърихи̅ рӯи кор омадаанд. Бо инкишофи ҷамъият, дигаргуншавии шууру тафаккури аҳоли̅ ва вазъи иқтисодию иҷтимои̅ шояд дар оянда зарурат ба чунин санадҳо намонад, вале дар марҳилаи кунуни̅ нақши мусбати онҳо назаррас аст.

Дар санаи 19 марти соли 2013 аз ҷониби Президенти кишвар қонуни дигаре имзо шуд, ки ба пешгирии хушунат дар хонавода равона шудааст. Қонуни мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯровари̅ дар оила" ном дошта, аз 4 боб ва 26 модда иборат аст. Масъалаи мазкур таҳти назорати пайвастаи давлат ва Ҳукумати ҷумҳури̅ қарор дорад, ки аз уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон бармеоянд (Конвенсия дар бораи рафъи ҳама шакли табъиз нисбат ба занон ва ғайра).

Дар таҷрибаи дигар давлатҳо низ қонунҳои шабеҳ мушоҳида мегарданд. Масалан, дар Ҷумҳурии Қирғизистон Қонун "Дар бораи ҳимояи иҷтимоию ҳуқуқи̅ аз зӯровари̅ дар оила" қабул шудааст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон Қонун "Дар бораи профилактикаи зӯроварии маиши̅" ном дошта бошад ҳам, мавзӯи танзими он асосҳои ҳуқуқи̅, иқтисоди̅, иҷтимои̅ ва ташкилии фаъолияти мақомоти давлати̅, мақомоти худидораи маҳалли̅, ташкилот ва шаҳрвандон оид ба профилактикаи зӯроварии маиши̅ мебошад. Дар Афғонистон муҳокимаи имконпазирии қабули қонуни манъи хушунат дар хонавода ҳанӯз идома дорад.

Дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассирро дар масъалаи ҳимоя аз хушунат бояд Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намояд, вале дар ин санад мафҳумҳои "зӯровари̅", "зӯровари̅ дар оила", "зӯровари̅ нисбат ба кӯдакон", "зӯровари̅ нисбат ба занон" ва ғайра ба маънои санадҳои байналмилали̅ истифода нашудааст. Ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон василаҳои ҳимоя аз хушунат, талаби ҷуброни зарари маънави̅ ва молумулки̅ ва амсоли инҳо бегона аст. Аз ин рӯ, таҳия ва қабул шудани қонуни махсус дар ин ҷода талаботи замон буда, он масъалагузорие, ки аз ҷониби Президенти кишвар дар бобати қабули қонуни ҳимоя аз хушунат дар хонавода шуда буд (соли 2009 дар маҷлиси Шӯрои ҷамъияти̅,), қобили дастгирист.

Хусусияти муҳими Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯровари̅ дар оила" дар он аст, ки муносибатҳо вобаста ба пешгирии хушунат дар хонавода таҳти танзим қарор гирифтаанд. Дар дебочаи он низ омадааст, ки Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯровари̅ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯровари̅ дар оиларо доир ба ошкор, пешгири̅ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд. То ин замон мудохила ба муносибатҳои хусуси̅ то ҳолати содир шудани хушунат ноҷоиз буд. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо бо оқибати хушунат сарукор дошта, бевосита ба пешгирии он равона нагардидаанд. Аз ин рӯ, дар назди илми ҳуқуқи Тоҷикистон (чун илми дигар давлатҳои мансуб ба фазои пасошӯрави̅) баҳодиҳии ҳолати мазкур мубраму зарур мебошад. Падидаи пешгирии хушунат фикран бо баҳсҳои доманадор атрофи мавҷудияти ҷавобгарии ба истилоҳ "мусбат" монанд аст. Хусусан, ин масъала дар ҳуқуқи хусуси̅ (сивилистика) мубрам аст, зеро байни иҷрои уҳдадори̅ ва ҷавобгари̅ тафовути амали̅ боқи̅ намемонад. Баъзан бо роҳи тафовутгузори̅ миёни мафҳумҳои "ҷавобгари̅" ва "масъулият" кӯшиши ҳалли масъала карда мешавад, вале боз ҳам аз лиҳози забони̅ ба мушкилот дучор мегардем (чунки аслан калимаи "ҷавобгари̅" сохта буда, ҳамон масъулият аст).

Яке аз масъалаҳои дигар ин муайян кардани пешгири̅ ва оқибати хушунат дар хонавода мебошад. Албатта, хушунат дар хонавода одатан дар дохили он сурат гирифта, шоҳиди "холис" надорад, дар исботи он мушкилоти зиёд ҷой дошта метавонад, ҷабрдидагон одатан чунин муносибат ба худро раво медонанд: Масалан, тибқи як пурсиш аксарияти занон дар Тоҷикистон дар чунин ақидаанд, ки агар шавҳар аз зан дар ғазаб бошад, ӯ ҳуқуқ дорад занашро занад - 72%, дашном диҳад - 72%, суханҳое гӯяд, ки ӯро меранҷонанд ё метарсонанд - 67,8%, аз хона баромаданро манъ кунанд - 61%, кор карданро иҷозат надиҳанд - 60% ва бо дӯстон вохӯрданро манъ кунад - 53,5%. Таҷриба бисёр ҳолатҳои даст кашидан аз ариза, созишҳои рӯяки̅, исбот нашудани гуноҳ, забоняккунии шоҳидон, бинобар дар муносибати хешутабори̅ қарор доштан ва ғайраро медонад. Бинобар ин, чун анъана пиндошта мешуд, ки масъалаи мазкур соҳаи таъсири ҳуқуқи хусуси̅ аст, на оммави̅. Таҳлили қонуни тавсифшаванда нишон медиҳад, ки қонунгузор ба масъалаи хушунат дар хонавода дигар ҳамчун муносибати хусуси̅ нигоҳ накарда, асоснок мудохилаи давлатро пешбини̅ кардааст. Чунин омехташавиҳо дар масъалаи фаҳмиши васеи "табъиз" низ ҷой дорад. Чунин мавқеъ аз ҷумла аз Тавсияномаи 19 Кумитаи СММ оид ба рафъи табъиз нисбат ба занон бармеояд, ки табъизро на танҳо маҳсули амалҳои давлат, балки амали шахсон низ медонанд.

Қонун зӯровари̅ дар оиларо ҳамчун кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмони̅, рӯҳи̅, шаҳвони̅ ё иқтисоди̅, ки дар доираи муносибатҳои оилави̅ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмони̅ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад, маънидод кардааст. Пешгирии зӯровари̅ дар оила бошад, ин маҷмӯи чораҳои ҳуқуқи̅, иқтисоди̅, иҷтимои̅ ва ташкилии аз ҷониби субъектҳои пешгирикунандаи зӯровари̅ дар оила амалишаванда мебошад, ки ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилави̅, ба пешгирии зӯровари̅ дар оила, муайян ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда равона карда шудаанд.

Ҳамчунин дар Қонун (моддаи 18) чораҳои фардии пешгирии зӯровари̅ дар оила пешбини̅ шудааст, ки як қисми онҳо дар қонунгузории мо собиқа надоранд (суҳбати хусусияти тарбиявидошта, ба мақомоти корҳои дохили̅ овардани шахси дар оила зӯровари̅ро содирнамуда, амрномаи муҳофизати̅ ва ғайра). Тавре дар мавриди ҷиноят ва ҷазо дараҷа ва сатҳи таҳаммулпазирии ҷомеа муайянкунанда аст, чораҳои пешгирии хушунат дар хонавода низ бо дарназардошти ҳамин омилҳо пешбини̅ гардидаанд. Аз ин рӯ, дар таҷрибаи баъзе давлатҳо дигар чораҳо мушоҳида мегарданд (масалан, ордери суди̅).

Дар байни чораҳои мазкур ба сифати чораи фаврии дорои аҳамияти калони амалидошта амрномаи муҳофизатиро номбар кардан мумкин аст. Амрномаи муҳофизати̅ ҳуҷҷате мебошад, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохили̅ ба шахси дар оила зӯроварӣро содирнамуда ё шахсе, ки таҳдиди содир намудани онро мекунад, дода мешавад. Барои баровардани амрномаи муҳофизати̅ муроҷиат оид ба ҳолати содир шудани зӯровари̅ дар оила ё таҳдиди содир намудани он асос мебошад.

Дар миёни василаҳои пешгири̅ ва бартарафсозии оқибатҳои хушунат дар хонавода таъсис додан ва муайян карда шудани вазъи марказҳои ёрирасон (ки шахси ҳуқуқи̅ мебошанд), марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимои̅ барои ҷабрдидагон хеле калон аст. Дар назари аввал шояд чунин намояд, ки барои ҷомеаи мо фаъолияти чунин ташкилот самаранок набуда, он аз эътимоди мардум вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, чунин чораҳо на танҳо масъаларо ҳал намекунанд, балки мушкил ҳам месозанд. Қобили зикр аст, ки таҷрибаи на он қадар зиёди фаъолияти марказҳои бuҳрони̅ дар Тоҷикистон нишон дод, ки сатҳи эътимод ба онҳо зиёд шуда истодааст (тибқи яке аз нишондодҳо ба 29 маркази буҳрони̅ дар соли 2012 32 ҳазор шаҳрванд муроҷиат кардааст). Дар натиҷаи суҳбатҳо бо равоншиносон, гирифтани маслиҳати онҳо, фаъолияти самараноку созандаи ҳуқуқшиносон нигоҳ доштан ва пешгирии вайроншавии бисёр хонаводаҳо имконпазир шудааст. Аз ин ҷост, ки татбиқи чораҳои пешгирии хушунат дар хонавода боиси мустаҳкамии он мегардад. Ба аъзои дахлдори хонавода таъсири мақсаднок расонида шуда, шароит фароҳам оварда мешавад, ки ӯ аз роҳи бад бозгардад.

Масалан, ҷиҳати пешгирии хушунат дар хонавода бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарию модари̅, бекор кардани фарзандхонди̅, васоят ё парастори̅ вобаста ба ҳолатҳои кор чораи самаранок аст. Дар сурати содир намудани кирдори қасдонаи дорои хусусияти ҷисмони̅, рӯҳи̅ ё иқтисоди̅ ё таҳдиди содир намудани онҳо дар муносибатҳои оилави̅, агар ин кирдор боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои аъзои оила гардад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят ҷавобгарии маъмури̅ пешбини̅ шудааст (моддаи 931). Ҳамин гуна ҷавобгари̅ барои риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизати̅ низ пешбини̅ гардидааст (моддаи 932).

Ҳамин тавр, дар натиҷаи қабул намудани чунин қонун, бешубҳа, эътибору мақоми Тоҷикистон дар арсаи байналмилали̅ боз ҳам боло рафта, аз ҳама муҳим аъзои хонавода аз хушунат ҳимоя гардида, бо ин роҳ мустаҳкамии хонавода таъмин карда мешавад. Бинобар ин, дар доираи фанҳои таълимии мавҷуда вобаста ба хусусиятҳои соҳави̅ ва мавзӯи̅ тадриси он барои донишҷӯён муҳим мебошад. Дар ин самт аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омодаги̅ гирифта шуда, тадбирҳои заруриі андешида мешаванд.

# СКАНВОРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Падидаи ҳуқуқии конститутсионӣ

Миёнарав ҳангоми бастани аҳдҳо дар биржа

Ярoқи ...

Сухани пӯшидамаъно, имо, ишора

Маҷлиси шӯрои кӯҳансолон дар шакли имрӯза

Озод шудан аз маҳбас

Расму оин

Субъекти моддаи 244

Субъекти муносибатҳои ҳуқуқи андоз

Даъвои курдҳо дар Туркия



Омехтагии қаҳр ғазаб ва душманӣ

Ба хок супоридани мурда

Парчами президент

Хазинаи кӯдакон дар СММ

Дастгиршуда, бандӣ

Синоними декларатсия



Яккаидоракунӣ ҳукмронии мутлақ

Барандаи телевизион

Яроқи ... (атомӣ)

Номи мардона

Номи пешинаи дарёи Волга

Шабакаи телевизионии Русия

Шахсе, ки дар суд ҳукм мехонад

Узв, ба ягон гурӯҳ шомил шудан

Шакли кӯтоҳкардашудаи Академияи Илмҳо

Шаҳр дар Хитой

Аҳди ... (САҲШ)

Дуогӯй, дуокунанда

Назарияи ... ва ҳуқуқ

Асоси муҷозоти ҷиноӣ дар Қонуннома шоҳ Ҳаммурапӣ

Шӯъбаи беморихои гӯшу биннӣ

Рӯирост

Соҳибкори ...



Шартномаи ...

Маҷлиси ...

Аз рӯи шартнома, истифодабарии амвол ба ивази маблағ

Чӯти Пифагор

Тамғаи ҳавопаймо

Тарафи шартномаи иҷора

Ҷонишин

Шахсе, ки кафолати додани маблағи вексел, чекро медиҳад

Мураттиб: Зиёзода Зариф донишҷӯйи соли 4



# СУХАНИ ИСТИҚЛОЛ СУХАН АЗ ВИҶДОН АСТ



Ҳар як давлату миллат дар саҳифаҳои таърихии худ санаҳои фаромӯшнашавандае дорад, ки бо истиқбол гирифтани онҳо аз тамаддуни таърихии худ огоҳ шуда, дар ботини наслҳои оянда тухми худшиносии миллиро ҷой мекунад.

Ин гуна санаҳои фаромӯшнашаванда ва тақдирсоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зиёданд. Рӯзи қабули Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иди Наврӯз, рӯзи Ваҳдати миллӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд, ки ҳар сол дар ҷумҳурӣ бо як шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мегарданд.

Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи 22-юмин солгарди истиқлолияти давлатӣ қарор дорад. Истиқлолият ин орзуву омоли мардуми тоҷик буд, ки халқи тоҷик аз қадимулайём орзуи расидан ба онро дошт. Назаре ба таърих афканем, дар замони 70 соли ҳукмронии Иттиҳоди Шӯравӣ бо сабаби оне, ки роҳбар аз Русия таъин мешуд, халқи тоҷик ба таърихи ниёгони худ кам аҳамият медод. Аммо бо барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ - 9 сентябри соли 1991 халқи тоҷик кӯшиш намуд тамоми ананаҳои ниёгони хешро эҳё намояд ва ниҳоят ҳам ба мақсад расид.

Боиси ифтихор аст, ки 22 сол муқаддам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мардуми сарбаланду шарафманди он бо азму иродаи қавӣ ниҳоли орзуву ормони ҳазорсолаи гузаштагонро бо номи Истиқлолият шинониданд. Ҳамаи мо шоҳидем, ки дар тӯли 22 соли даврони истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чӣ гуна навгониҳо ноил гашт. Ин ҳама кӯшишу талошҳову заҳматҳо баҳри он аст, ки шароити мардум боз ҳам беҳтару хубтар шавад ва миллати тоҷик орому осуда дар фазои истиқлол умр ба сар баранд.

*Сухани истиқлол сухан*
*аз виҷдон аст,*
*На, сухан нест. Дил*
*асту ҷигар асту ҷон аст!*
*Сухан аз истиқлол сухан*
*аз сохтан аст,*
*Чу сутунҳо ба само қомате*
*афрохтан аст.*

Бинобар ин, мо ҷавонон, ки ояндаи кишварамон аз мо вобастагӣ дорад, бояд мисли фарзандони як модар бо ҳамдигар муносибат карда, дар пешрафти давлату миллати худ саҳмгузор бошем.

**Шарифов МАНУЧЕҲР**
*донишҷӯи соли 4-ум*



# ҲУҚУҚ БА ҲАЁТ ДАР МУКОБИЛИ ҶАЗОИ ҚАТЛ

Дар низоми ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқи беназиртарин ва муҳимтарин ин ҳуқуқ ба ҳаёт мебошад. Ҳаёт ин ҳастист. Ҳаёт маънии зиндагӣ ва гуногунрангии ҷаҳон мебошад. Ҳама талоши инсоният дар пайраҳаи таърих ба хотири осоиштагию амонии ҳаёт будааст.

Аз ин лиҳоз, маҳрум сохтан ё маҳрум шудан аз ҳаёт бадтарину сахттарин ҳолат барои инсон маҳсуб меёбад. Чун инсонҳо дар тинату тафаккур баробар нестанд ва дар ҷодаи фаҳмиши қавонини замон низ ноқисӣ доранд, мавридеро эҷод мекунанд, ки боиси ҷабру марги худ ё дигарон мегардад. Мавҷудияти чунин падидаи номатлуб қисмати ҳукмрони ҷомеаро водор намуд, ки подоши ин гуна афродро муайян созад. Ҳанӯз аз замонҳои қадим як зумра ҷазоҳо муқаррар гардиданд, ки миёни онҳо вазнинтаринаш ҷазои қатл буд.

Бояд таъкид сохт, ки ҳанӯз дар асрҳои 18-19 қисми зиёди давлатҳои дунё ҳукм ба қатл медоданд. Дар асри 20 бошад, махсусан пас аз созмонёбии ташкилотҳои байналхалқӣ ва қабули санадҳои хуқуқии онҳо ҷазои қатл тамоман рӯ ба камшавӣ овард. Айни замон 129 давлат ҷазои қатлро манъ ва 68 кишвари дигар онро амалӣ мекунанд.

Миёни ҳуқуқшиносону ҷомеашиносони муосир оиди мавҷуд будан ё набудан ҷазои қатл хеле баҳсҳои доманадор идома дошта, то имрӯз хулосаҳои яктарафа эҷод нашудааст. Ҳар фарди ҷомеа метавонад нисбати чунин мавзӯъҳои баҳсбарангез андешаҳои мустақили хешро дошта бошад. Камина як фарди ин ҷомеа, ба хотири ифодаи фикрҳои солим ва пурмуҳтаво пайи таҳқиқи мавзӯи мазкур, то ҳадди имкон нуқтаҳои асосии мавзӯъро хостам равшан намоям.

Ҳанӯз аз ибтидои таърих, бо мақсади ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ, меъёрҳои гуногуни хуқуқӣ байни ҷамоаҳои иҷтимоӣ мавҷуд буд. Онҳо ба тариқи одат аз насл ба насл мегузаштанд. Ҳукми қатл дар баъзе аз минтақаҳои машриқзамин ба мушоҳида мерасид. Аммо амалкарди он пас аз интишори дини Зардуштӣ коҳиш ёфта, ба ҷои он ҳукмҳои дигар ба монанди ҳабс, дурра задан, бадарға, мулҳид эълон кардан ва монанди инҳо пайдо шуданд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми ҷазои қатл ба маънои васеъ омадааст. Ҷазои қатл амали аз ҷониби қонун иҷозатдодашудаи бобати аз ҳаёт маҳрум кардани одам, ба сифати ҷазо, барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда, одатан ҷинояти махсусан вазнин аст.

Бояд қайд намуд, ки дар мамлакати мо аз соли 2004 маратория барои ҷазои қатл эълон шудааст ва аз ҳамон вақт ин ҷониб, ҷинояткоре ҳукми қатл нагирифтааст. Ҳеҷ касро аз ҳаёт маҳрум кардан мумкин нест.

Дар Тоҷикистон дар замони муосир мувофиқи кодекси нави ҷиноятии соли 1998 қабулшуда теъдоди ҷиноятҳои сазовори ҷазои қатл ба 5-то расидаанд, ки инҳо одамкушӣ, таҷовуз ба номус, терроризм, биотсид ва генотсид мебошанд.

Имрӯз, ба ҷои ҳукми қатл ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ба роҳ монда шудааст, ҳарчанд ба ақидаи коршиносони ин соҳа пурра аз байн бурдани ҷазои қатл хеле бамаврид мебошад. Ҳангоме дар бораи ин масъала фикру ақидаҳои шахсони алоҳидаро пурсон мешудам, қисмати зиёди онҳо тарафдори барҳам додани ҳукми қатл буданд. Дуруст аст, ки қазову қадар дар дасти Худованд аст ва ҷоне, ки ба мо ато намудааст, танҳо худаш онро гирифта метавонад.

Бояд таъкид сохт, ки раванди ҷаҳонишавии андешаи гуманистӣ дар остонаи асри 21 аз ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозои дигар кардани маҷрои қонунгузориро дорад. Аз ин раванд Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо низ истисно нест. Бо мақсади ҳамқадаму ҳаммароми ҷомеаи ҷаҳонӣ шудан, Тоҷикистон ба санадҳои зиёди байналхалқӣ ҳамроҳ шуда, қонунгузории худро бо онҳо мутобиқ мегардонад. Дар Тоҷикистон чанд маротиба ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқӣ баргузор гардид, ки дар натиҷаи он бо дарназардошти авзои сиёсии вақт амали ҳукми қатл бозмононда шуд. Ҳадафи аслии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд овардани инсони комил мебошад ва ҳама ҷорабиниҳои ҳуқуқие, ки дар Тоҷикистон шуда мегузарад, аз қабили манъи татбиқи ҳукми қатл, асосан ба ҳамин масъала равона шудааст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит кардааст, ки аз 10 то 20 дар сади ҳукми қатл иштибоҳан сурат мегирад ва пас аз анҷоми ҳукм бори қатли як инсон ҳамеша бар душу виҷдони ашхосе, ки ин ҳукмро содир кардаанд, сангинӣ хоҳад кард. Аз ин дидгоҳ, бардоштани ҷазои қатл аз қонунҳои бозмондаи кайфари кадима хеле муҳим ва дар ин росто инсонгаро шудани конунҳо хоҳад буд.

Аз соли 2007 аксари кишварҳои олам аз амалӣ кардани ин ҳукми олӣ даст кашиданд. Тибқи маълумотҳои расмӣ ҳоло дар ҷаҳон намудҳои зерини амалигардонии ҳукми қатл вуҷуд дорад. Ба дор овехтан, сангсор кардан, тавассути сӯзандору гузаронидан, курсии барқӣ, бо газ заҳролуд кардан.

Ба андешаи ман ҳар афроде, ки ҷиноят содир менамояд, бояд ҳатман ҷазо гирад, лекин дар доираи чаҳорчӯбаи ахлоқ, меъёрҳои инсондӯстӣ ва қонунгузории байналхалқӣ. Имрӯз, ҷомеаи башар барҳам додани ҳукми қатлро талаб менамояд, мо низ чун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ тарафдори ин матлаб ҳастем. Ҳаёт барои ислоҳи камбудиҳост. Ҷомеа бе камбудӣ буда наметавонад. Барои ҳамаи камбудиҳои дар ҷомеа вуҷуддоша мо якдилона талош намоем ва фикру ақидаи дурустро ҷустуҷӯ намоему дар асоси гуногунандешӣ ва эҳтироми фикри якдигар фаъолият кунем, албатта ҳалли дурусти масъалаҳоро дарёфт хоҳем кард.

**Содиқова ШАҲНОЗА**
*донишҷӯи соли 2*



Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Сармуҳаррир: Саъдӣ Маҳдӣ
saadi_mahdi@mail.ru

Тарроҳ: Ҳамидулло Азизов

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Насурдинов Э. С. дотсент, декани факултети ҳуқукшиносӣ;
Қурбонов Қ.Б. муовини декан оид ба илм;
Сафаров Б.А. дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ;
Ҷаҳонгир С. ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ.

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Саидов Н. С. Вазири маорифи ҶТ, профессор;
Давлатов Ҷ. М. мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т. профессор, академики АИ ҶТ,
Маҳмудов М. А. профессор, академики АИ ҶТ, раиси Суди Конститутсионии ҶТ;
Асозода Х. профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форси тоҷикии факултети филологияи тоҷик;
Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст. Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-56- 07- 07. Теъдод: 1000